**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профеесор Кошонова Манзура Раҳматҷоновна ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.08 «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» мувофиқат мекунад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, 1.12. Шаклдигаркунии ҳисоботи молиявии миллии мутобиқ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои давлатҳои дигар.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Рушди соҳибкорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба ягонагӣ ва шаффофияти қоидаҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ дар мамлакатҳои мухталиф талаботи муайян пеш

мегузорад. Зеро дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ҳамкориҳои тиҷоратии субъектҳои хоҷагидорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ густариш ёфта, раванди таъминоти иттилоотии ин ҳамкориҳо мураккаб мегардад. Вобаста ба ин муҳтавои ҳисоботи молиявӣ низ дигаргун мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ барои субъектҳои хоҷагидории ватанӣ омода ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ дар шакли сода ва ба ҳамаи истифодабарандагони манфиатдор фаҳмо шарти асосии ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо корхонаҳои хориҷӣ ва фаромиллӣ мебошад. Имрӯз истифодаи низоми стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) барои омодасозии ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳои ватанӣ ба бозори сармояи хориҷӣ роҳ ёбанд, бо шарикони нави хориҷӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ барпо кунанд. Илова бар ин, гузариш ба СБҲМ дастрасии сармоягузорони эҳтимолии хориҷиро ба иттилооти зарурӣ дар бораи фаъолияти молиявии корхонаҳои ватанӣ осон мекунад ва ин, дар навбати худ, ба ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба корхонаи ватании ҳисоботдиҳанда мусоидат мекунад.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, инчунин талаботи шарикони хориҷӣ оид ба истифодаи СБҲМ дар раванди омодасозӣ ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ ба зарурати роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ боис гардиданд. Бинобар ин, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён дорад, як раванди мураккаб ва ҳамаҷонибаест, ки ба ҳамгироии корхонаҳои ватанӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Яке аз муҳимтарин унсурҳои ин ҳамгироӣ афзоиши эътимоди шарикони хориҷӣ ба корхонаҳои ватанӣ мебошад. Аз ин рӯ, гузариши субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи СБҲМ унсури хеле муҳими раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ мебошад. Вобаста ба ин, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пеш аз ҳама ба беҳтар кардани фаъолият ва таъмини шаффофияти субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути мутобиқ кардани принсипҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ки дар мамлакат қабул шудаанд, нигаронида шудааст.

Ҳоло бисёре аз корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи молиявиро ҳам мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории андоз ва ҳам стандартҳои байналмилалӣ таҳия мекунанд. Вале дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва

тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ мушкилоти гуногуни назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ба миён меоянд, ки ҳалли онҳо ногузир аст. Ҳамаи ин аҳамият ва мубрамии мавзуи диссертатсияро, ки ба пажӯҳиши назария, методология ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ бахшида шудааст, тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, киҷ барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Аз муҳтавои дисертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муваффақияти назаррас ноил шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар муносибати ҳамаҷониба ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ зоҳир мегардад. Асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҷиҳатҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, аз ҷумла чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд:

- муайян кардани хусусиятҳои пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи илм ва ҳам соҳаи фаъолият дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидорӣ;
- асоснок кардани зарурати роҳандозӣ намудани ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ ба истифодаи СБҲМ, таҳлил ва арзёбии раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ин замина муайян кардани тадбирҳои асосӣ барои гузариши бобарор ба СБҲМ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот;
- муайян кардани мушкилоти асосии наздикгардонии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар доираи сиёсати баҳисобгирӣ ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо, пешниҳоди тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ;

- муайян кардани шароити рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таъсири омилҳо ба равандҳои таҳаввули он ва ба низом даровардани мушкилоти методологии ба намудҳои алоҳида ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибии ягона;

- муайян кардани тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор кардан ва арзёбии камбудиҳои методологии СБҲМ ва ҳисоботи молиявии дар асоси онҳо тартибдодашуда, таҳияи амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ;

- дар асоси таҳлил ва арзёбии таъсири равандҳои ҳамгироӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ муайян кардани хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии онҳо;

- асоснок кардани зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир вобаста ба таъсири омилҳо ба муҳтаво ва хосияти иттилооти баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, ба методология ва сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидории муосир;

- муайян кардани хусусиятҳои миллии ислоҳоти муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ, тавсиф ва ҷамъбасти тарзҳои истифодаи СБҲМ дар низомҳои миллии мамлакатҳои ИДМ, таҳлил ва арзёбии душвориҳо дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда, таҳияи пешниҳодҳо оид ба таҳкими равандҳои гузариш ба СБҲМ;

- таҳқиқи санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, тасдиқи зарурати бозбинии пояҳои қонунӣ ва меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ;

- таҳияи дурнамои рушди низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани ҷиҳатҳои асосии такмили он.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф аз маҷмӯи васеи назарияҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудитро истифода бурда, мавқеи шахсии худро вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда муайян намудааст. Барои расидан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда

аз адабиётҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, муаллиф ақидаҳои назариявӣ ва амалии муҳаққиқонро вобаста ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ ба як низом даровардааст. Муқаррароти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо матни рисола мантиқан алоқаманд буда, ба вазифаҳои гузошташуда асос ёфтаанд. Муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда асоснок буда, моҳияти кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи таҳқиқот тасдиқ мегардад. Хулосаҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда, инчунин тавсияҳои амалии барои такмили низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити гузариш ба СБҲМ пешниҳодшуда бо далелҳои зарурӣ асоснок карда шудаанд. Хулосаҳои таҳиягардида фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқотӣ омода карда шудаанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо, тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва асосҳои назаривию методологиро дар ин самт метавонад такмил диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, замимаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 423 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст, ки аз  расмҳо, ҷадвалҳо ва рӯйхати адабиёт, ки аз 330 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст.

Дар боби аввал – «**Асосҳои назариявии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ**» ҷанбаҳои таърихӣ, равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирӣ, нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, муаммоҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба татбиқи СБҲМ таҳқиқ гардидааст.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ, методологӣ ва равишҳои консептуалии ташаккул ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ (саҳ.24-29), муаллиф қайд менамояд, ки «ҳарчанд олимону муҳаққиқон кӯшиш кардаанд, аниқ муқаррар намудани замони пайдошавии баҳисобгирӣ ба онҳо муяссар

нашудааст. Тавре аз омӯзиши асарҳои зиёд доир ба таърих ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ бармеояд, рушди баҳисобгирии муҳосибӣ бо гузариш аз як қолиби илмӣ ба қолиби дигари илмӣ, дигаршавии муҳтавои қолибҳои илмӣ – ҳаракати пешравандаи илми муҳосибӣ робитаи ногусастанӣ дорад». Ҷанбаҳои таърихии рушди баҳисобгирии муҳосибиро муаллиф ба марҳилаҳо гурӯҳбанди намуда, онҳоро ба шаш марҳилаи таърихии рушд яъне марҳилаи фитрӣ, арзишӣ, диграфӣ, назариявию амалӣ, илмии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди баҳисобгирӣ гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар расми 1.2.1 муаллиф дар асоси муайянсозии мақоми иттилоот дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, унсурҳои таъминоти иттилоотии идоракунӣ, методологияи табдили усулҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун манбаи иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ таҳия намудааст (саҳ.47). Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ дар ҷадвали 1.2.1 амсилаҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи онҳоро дар амалия ҷамъоварӣ намуда, мамлакатҳои истифодабаранда ва хусусиятҳои асосии онро тавсиф намудааст (саҳ.52-53).

Дар рафти таҳқиқот муаллиф ба масъалаи муаммоҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки “аз оғози гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ идома дорад, ки бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ роҳандозӣ шуда ҳадафи асосии он татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидории мамлакат мебошад”(саҳ.89). Дар расми 1.4.2 муаллиф тадбирҳои асосӣ барои гузариш ба СБҲМ дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро таҳия ва асоснок намудааст (саҳ.95).

Дар боби дуюм - «**Масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» муаллиф раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, методологияи ташаккул ва тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва СБҲМ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки “ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ корхона вобаста ба самти муайяни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ як тарзро аз маҷмуи тарзҳои бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ раводидашуда интихоб карда, онро муқаррар мекунад. Агар қонунгузорӣ ё санадҳои меъёрӣ ҷиҳати

масъалаи муайян тарз ё усули мушаххаси пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро муқаррар накарда бошанд, ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ корхона боназардошти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа усули мувофиқ ва шакли феҳристи баҳисобгирии андозро нисбат ба ҳисобкунии андози мушаххас таҳия мекунад” (саҳ.113).

Дар таҳқиқот муаллиф қайд менамояд, ки “вазъи молиявии субъекти хоҷагидорӣ бо дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя, натиҷаҳои молиявии он – бо даромадҳо ва хароҷот тавсиф дода мешаванд, аз ин рӯ, ҳисоботи молиявии он бояд барои истифодабарандагон иттилоотро дар бораи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷот таъмин кунад. Баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо ва хароҷот иттилоотро дар бораи натиҷаҳои молиявӣ – фоида ё зарар таъмин мекунад” (саҳ.157).

Дар ҷадвали 2.3.2 муаллиф таркиби дороиҳои корхона мувофиқи нишондоди СБҲМ IAS 1-ро гирд оварда, унсурҳои дороиҳо ва тавсифи онҳоро мувофиқи нишондодҳои СБҲМ шарҳ ва тавсиф намудааст.

Дар боби сеюм - «**Масъалаҳои амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ**» муаллиф хусусиятҳои ташкил, пешбурд, ва ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ таҳқиқ намудааст.

Қайд гардидааст, ки “ҳамгироии иқтисодӣ бо доштани хусусиятҳои омили сабабии аввалиндараҷа дар тамоюлоти байналмилалии иқтисодиёт ба оқибатҳои ин падида оварда, ба омили дуюмдараҷа – хосияти таъминоти баҳисобгирию таҳлилии иштирокчиёни ҳамгироӣ таъсир мерасонад. Алоқамандии иқтисодиёт бо тамоюлоти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ новобаста аз нақши иштирокчиёни ҳамгироӣ дар иттиҳодияҳои стратегӣ, ҳолдингҳои саноатӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва дигар ташкилотҳои ҳамгирошуда мушоҳида мешавад” (саҳ.212-213).

Дар расми 3.1.1 муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ, алоқамандии унсурҳои стандартонии байналмилалии баҳисобгирии муҳосибиро таҳия ва дар асоси он қайд намудааст, ки “ар ҳоле ки омилҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба ташаккули низоми стандартонии байналмилалии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонанд, муҳимтарини онҳо сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти корхонаҳо ва бозорҳои сармоя, низоми андозбандӣ дар мамлакат, мақом ва мартабаи касби муҳосибӣ дар ҷомеа, низоми танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, фарҳанг ва анъанаҳои

миллӣ, муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошанд (саҳ.216-217).

Дар расми 3.2.1 муаллиф омилҳои ба баҳисобгирии муҳосибӣ таъсиррасон дар шароити иқтисодиёти муосирро таҳия ва гурӯҳбанди намуда, онҳоро ҳамчун воситаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва имконияти рушди он арзёбӣ намудааст (саҳ.234). Дар ҷадвали 3.3.1 муаллиф ҳолати истифодаи СБҲМ-ро дар 168 мамлакат аз рӯйи минтақаҳои ҷаҳон таҳлил карда, дар оғози асри XXI таҳкими равандҳои ҳамгироиро бештар дар мамлакатҳои рӯ ба рушд арзёбӣ намудааст (саҳ.251-252).

Дар боби чорум - «**Мукаммалгардонии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ**» низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ, омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ таҳқиқ гардидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки “меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки фаъолиятро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ танзим мекунанд, дар муҳтавои санадҳои меъёрию ҳуқуқии гуногун мавҷуд мебошанд. Як қисми ин санадҳо ба соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муносибати бевосита дошта, қисми дигар хосияти ҳамаҷониба доранд ва меъёрҳоеро дарбар мегиранд, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дахолат мекунанд” (саҳ.268). Инчунин дар расми 4.1.1 мувофиқаи байниҳамдигарии санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст (саҳ.269).

Дар ҷадвали 4.1.2 муаллифи диссератсия пояҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ намуда. қайд менамояд, ки “ҳарчанд, ки пояҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талаботи СБҲМ ташаккул ёфтаанд вале ҷиҳати мувофиқати дурусти онҳо бо СБҲМ масъала кушода боқӣ мемонад” (саҳ.272). Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки “дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудият ва амал кардани ташкилотҳои касбии муҳосибӣ ва аудиторӣ аз ҷиҳати қонунӣ имконпазир аст. Ташкилоти касбии муҳосибон метавонад дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ иштирок кунад, инчунин таҷрибаи пешқадамро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда, такмил диҳад” (саҳ.289).

Дар ҷадвали 4.2.1 муаллиф инъикоси амалиёт дар ҳисобҳои муҳосибиро тартиб дода, дар мисоли ҶДММ «Сабоҳ» асоснок намудааст (сҳ.301-302). Дар таҳқиқот муаллиф ба сертификатсияи дараҷаи касбии

муҳосибон таваҷҷуҳ махсус зоҳир намуда, онро яке аз масъалаҳои муҳимми раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ арзёбӣ намудааст (саҳ.311). Дар ҷадвали 4.3.1 муаллиф таркиби стандартҳои байналмилалии таҳсилот барои муҳосибони касбиро таҳия намуда, яке аз самтҳои асосии ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз муҳтавои санадҳои дар доираи он қабулшуда бармеояд, ин таҷдиди барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия, инчунин барномаҳои таълимии курсҳои омодасозии муҳосибон ва аудиторони касбӣ вобаста ба омӯзиши амиқи СБҲМ ва ташаккули малакаҳои татбиқи онҳо дар амалия мебошад (саҳ.318-319).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Муқарраротӣ муҳими диссертатсия дар ҷараёни таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми хондани дарсҳо дар зинаи бакалавриат ва магистратура аз фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» истифода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот** дар он ифода мeёбад, ки ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ба моҳият ва мундариҷаи равандҳо ва қонуниятҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии

байналмилалӣ, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнок барои истифодаи васеъи амалӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зиҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшуда метавонад дар ҷараёни таълим ҳангоми хондани дарсҳо дар зинаи бакалавриат ва магистратура аз фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» истифода шавад. Инчунин бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои касбӣ, муҳосиботи корхонаҳо ва ташкилотҳо истифода намуд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** дар он асос меёбад, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мусоидат намоянд, ки низоми мазкур, рушд ва фаъолият устувор дошта бошад. Фаъолияти усутвори низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷиро таъмин намуда, фазои фаъолияти корхонаҳои миллиро васеъ менамояд ва ягонагии муоширати молиявиро дар асоси СБҲМ дар мамлакат ва ҷаҳон таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқароротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада шаффофияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро таъмин намуда, иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидориро дар назди давлат ва ҷомеа таъмин менамояд. Ҳамзамон бархе аз муқаррароти таҳқиқот ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи муҳосибот ва рушди саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

## Мутобиқати тахасуси илмии унвонҷуи унвони илмӣ

Қодирова Гулмо Толибовна мутахассиси соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит буда, кори диссертатсионии ӯ ба ихтисоси интихобкардаи илмии диссертант мувофиқат мекунад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтори он ва мундариҷаи корҳои иҷрошуда, ба талаботе, ки дар шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит муқаррар шудааст, мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаб барои гирифтани дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намудҳои кор мувофиқат мекунанд.

Автореферат ва корҳои нашрнамудаи муаллиф пурра мазмуни асосии кори диссертатсиониро ба худ инъикос менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи таҳқиқот 27 мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 17,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна мутобиқ ба муқарраротии низомномаи дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсияро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, мутобиқ ба талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар доираи диссертатсия**

Дар баробари бартариҳо диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба чанде аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард.

1. Дар матни кор мафҳум ё ибораи «ҷаҳонишавӣ» ё «ҷаҳонишавии иқтисодиёт» бисёр ба назар мерасад. Дар аксари ҳолатҳо мафҳуми ҷаҳонишавӣ якҷоя бо мафҳуми «ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ» омадааст (саҳ. 68, 81, 157 ва ғ.). Вале дар диссертатсия мафҳуми «ҷаҳонишавии иқтисодиёт» шарҳ дода нашудааст, инчунин алоқамандии он бо мафҳуми «ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ» вобаста ба масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда нашудааст. Хуб мебуд, агар муалиф ба ин ҷиҳати кор дахл мекард.

2. Азбаски мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои ташаккул ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ бахшида шудааст, хуб мебуд, агар дар доираи он ҷанбаҳои минтақавии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар муҳити ҷаҳонии иқтисодӣ низ баррасӣ мешуданд. Албатта, дар параграфи 3.3 (саҳ. 220-237) таҳлили вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ ба ҷо оварда шудааст, вале он ба масъалаи

рушди низомҳои минтақавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дахл намекунад.

3. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаи ташаккул ва рушди таърихии баҳисобгирии муҳосибӣ бо такя ба якчанд сарчашмаҳо тасдиқ мекунад, ки илми баҳисобгирии муҳосибӣ асолати шарқӣ дорад (саҳ. 22). Вобаста ба ин, ӯ аз асарҳои олимони хориҷии соҳаи таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ ва олимони ватанӣ иқтибосҳо низ оварда, аз асарҳои олимони тоҷики асрҳои миёна низ ёдовар шудааст. Вале ҳамаи ин барои тасдиқи андешаи муаллиф басанда нест. Хуб мебуд, агар муаллиф доир ба вуҷуд доштани унсурҳои бонизоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар сохти давлатдории тоҷикон (аз ҷумла, давлатдории Сомониён) таҳқиқот анҷом дода, натиҷаҳои онро дар диссертатсия ҷой медод.

4. Дар диссертатсия масъалаҳои алоқамандӣ, мушкилот ва наздикгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ва баҳисобгирии андоз баррасӣ шудаанд, аз ҷумла, ҳангоми таҳқиқи мушкилотиислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ (саҳ. 63) ва масъалаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити равандҳои ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ (саҳ. 99). Вале яке аз омилҳои асосии ба мушкилоти байни баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз боисшаванда – мавҷудияти фарқҳои муваққатӣ аз доираи таҳқиқ берун мондааст. Хуб мебуд, агар муаллиф ҳангоми баррасии мушкилоти наздикгардонии ин ду намуди баҳисобгирии муҳосибӣ ба омили мазкур низ дахл мекард.

5. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаи ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар параграфи 3.2 оид ба вуҷуд доштани стандарти махсус барои субъектҳои хоҷагидории соҳибкории хурд ва миёна ёдовар шудааст. Дар баробари ин муаллиф қайд мекунад, ки татбиқи СБҲМ барои соҳибкории хурд ва миёна ба баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони корхонаҳои хурд мусоидат мекунад. Минбаъд муаллиф ба ин самти татбиқи СБҲМ ва таҳқиқи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна барнагаштааст, бо вуҷуди он ки имрӯз соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёти миллӣ нуфузи баланд дорад.

6. Параграфи 4.3-и диссертатсия масъалаҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбиро фаро гирифтааст (саҳ. 275-291). Ин ҷо муаллиф ба таҳқиқи масъалаҳои баланд бардоштани сатҳ ва сифатҳои касбии муҳосибон диққати муҳим додааст, вале дар он нақши ташкилотҳои ҷамъиятии муҳосибони касбиро дар омодасозии муҳосибони касбӣ нишон надодааст.

Камбудиҳои номбаршуда хосияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи тақризшаванда таъсир нарасонидаанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омола гардидааст ва таҳқиқоти илмии ба итмомрасида мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Кошонова М.Р.**

Имзои Кошонова М.Р.-ро **тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон** **Шарипов У.**

**(Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14.
Тел: 93-555-50-72; E-mail: manzura@yandex.ru)